"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________ Абдуалимзода Ҳ.А.
"_28_" ___02___________2024 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Табарзода Далер Раҳматуло ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон – "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Андоз манбаи асосии даромади буҷетҳои ҳама сатҳҳо ба ҳисоб меравад. Зиёда аз 85 фоизи даромади умумии буҷети давлатиро андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз шахсони воқеию ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки назорати дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохтани (интиқоли) онҳо яке аз масъалаи муҳим дар амалия ва илми ҳуқуқи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин дарназардошт, масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз ва

баланд бардоштани самаранокии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи сари вақтӣ буда, бешубҳа дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад. Тавре ки муаллиф дуруст қайд мекунад "Сарфи назар аз он ки дар илми ҳуқуқи андози Федератсияи Россия мавзуи назорати андоз хеле хуб омӯхта, таҳлили нуқтаи назари олимон ва гурӯҳбандии андешаҳои онҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо оварда шуда бошад ҳам, вале то кунун дар илми ҳуқуқи андоз ин масъала мавриди омӯзиши амиқу дақиқ қарор нагирифтааст. Яъне, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз ҷой надорад (саҳ. 7). Дар баробари ин, муаллиф қайд менамояд, ки баъзе истилоҳоту ибораҳои ҳуқуқие, ки дар қонунгузории андози давлатҳои пасошуравӣ васеъ истифода гардидаанд, дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол шакли ҳуқуқии худро нагирифтаанд. Ин ҳолат аз набудани категорияҳои асосии андозӣ-ҳуқуқӣ ба монанди «назорати андоз», «шакли назорати андоз», «усулҳои назорати андоз» ва ғ.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми муаллиф дар илми ҳуқуқи молиявӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали бунёдӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври пурра ва бо диди нав масоили мафҳуми назорати андоз, ҷойгоҳи он дар низоми назорати давлатии молиявӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии назорати андоз, шакл, усул ва таснифбандии принсипҳои он, хусусиятҳои фарқкунандаи назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ аз дигар шаклҳои назорати андоз, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти

дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Тадқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо дарназардошти қонунгузории нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида омода гардидааст. Дар таҳқиқоти мазкур бори аввал мафҳумҳои «назорати андоз», «шакли назорати андоз» ва «усули назорати андоз» мавриди таҳлили илмии ҳаматарафа қарор дода шудааст, ки онҳо ба дарки амиқтари назорати андоз равона гардида, дар илми ҳуқуқи андози ватанӣ саҳми назаррасро мебозанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос намуда, ба рафъи камбудиҳо ва номутобиқати мавҷудаи қонунгузорӣ нигаронида шудаанд.

Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишҳои соҳавӣ ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт, ташкил медиҳанд. Зимни таълифи диссертатсия, муаллиф, аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии зерин истифода кардааст: усули диалектикӣ, таҳлилӣ, синтез, индуксия, дедуксия, муқоисавии ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ ва хулосабарорӣ.

Истифодаи усулҳои номбурда ба муаллиф имкон доданд, ки назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ,

принсипҳои ягонагии ҳуқуқии назорати андоз, хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андоз пурра таҳлилу баррасӣ карда шаванд.

**Сохтори рисола**. Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи муқаддима, ду боб, шаш зербоб ва хулоса моҳитяти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ кунад. Дар муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуъ (предмет), муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ ва навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он тавсиф гардида, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Дар боби якуми рисола, ки «Асосҳои назариявӣ - ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузори гардидааст, диққати асосӣ ба масъалаҳои мафҳум, моҳият ва ҷойгоҳи назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ, принсипҳои назорати андоз, шакл ва усулҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст (саҳ. 27-92). Муаллиф дар асоси таҳлили мавқеъи гуногуни олимон ва қонунгузории амалкунандаи андоз мафҳуми назорати андозро ҳамчун як намуди асосии назорати давлатии молиявӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати иҷрои қонунгузории андоз, дуруст ҳисоб кардан, пурра ва сари вақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ амалӣ карда мешавад, пешниҳод менамояд (соҳ. 47). Инчунин, мавқеи муаллиф дар мавриди таърифи шакли назорати андоз, ки ҳамчун роҳи мушаххаси бо меъёрҳои қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ вобаста ба ташкил ва

тартиби гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ пешниҳод шудааст, шоёни таҳсин мебошад (саҳ. 59).

Дар доираи боби мазкур муаллиф чунин принсипҳои назорати андозро пешниҳод менамояд: принсипи ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон (агентони андоз); ошкорбаёнӣ; дуруст ва пурра ҳисоб намудани андозҳо; масъулияти мутақобилаи субъектҳои назорати андоз; ҷуброни зараре, ки дар ҷараёни гузаронидани санҷиш ва назорати андоз расонида шудааст; ҳифзи ҳуқуқи андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор; объективӣ ва эътимоднокӣ; банақшагирӣ; баробарҳуқуқии субъектҳои назорати андоз; риояи сирри андоз; поквиҷдонии андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар шахсони уҳдадор (саҳ. 91).

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки «Асосҳои ташкилӣ – ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон гирифтааст, фарогири масоили таҳлили ҳуқуқии хусусиятҳои шакли камералӣ ва мониторингӣ андоз, ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз ва заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии назорати андоз дар даврони Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Асоснок карда шудааст, ки назорати андоз бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла дар шакли камералӣ ва мониторинги андоз амалӣ карда мешавад, ки барои танзими самаранокии назорати андоз аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар ин боб муаллиф иброз медорад, ки бо вуҷуди қабули Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани назорати андоз дар амалия баъзе норасоиҳо ва ихтилофҳо ба чашм мерасад, ки ин ҳолат такмили дахлдорро талаб менамоянд. Бо ин дарназардошт, муаллиф пешниҳодҳои асосноки илмии хешро ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст, ки ин саҳм ва эҷодиёти бардавоми ӯро дар соҳаи ҳуқуқи андоз ва молиявӣ нишон медиҳад.

Дар асоси таҳлили муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф ба хулосае меояд, ки як қатор меъёрҳои он бояд ба таври назаррас аз нав дида баромада шаванд, зеро онҳо муқаррароти мукаммали татбиқи назорати андозро пешбинӣ намекунанд. Масалан, дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби иштироки шоҳид ва иштироки шахси холисро дар амалисозии назорати андоз танзим мекунад, дар масъалаи тартиби даъвати онҳо холигии меъёрӣ дида мешавад (саҳ. 165).

Дар боби мазкур муаллиф ба таври боварибахш зарурати фарқ кардани объект ва предмети назорати андозро исбот мекунад, ки мафҳуми объекти назорати андоз на танҳо тафтиши мувофиқати амали андозсупорандагон (агенти андоз) ва дигар шахсони ухдадор ба қонун, балки риояи қонунгузории андозро низ дар бар мегирад.

Муаллиф хулосабарории дурусти мантиқӣ намуда, қайд мекунад, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андоз камбудиҳо ҷой дорад ва замони он фаро расидааст, ки баъзе меъёрҳои он аз нав бознигарӣ гарданд. Дар ин замина, мақсаднок шуморида мешавад, ки дар моддаи 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, рақамҳои «19, 27, 54, 56 ва 57» мувофиқан ба рақамҳои «34, 51, 102, 103, 105 ва 165» иваз карда шаванд.

Хулоса ва таклифҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомадаи муаллиф натиҷаи эҷодии мукаммали ӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқи андози ватанӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда мусоидат намуда, самаранокии назорати андозро беҳтар менамоянд.

Ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки ҳамаи ҷиҳатҳои мусбати қайдшуда ва албатта баҳои мусбати умумии тадқиқоти илмии муаллиф аз баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан холи нест, ки онҳоро ба таври

зайл метавон иброз намуд:

1. Ба ақидаи муаллиф “объекти назорати андоз на танҳо қонунӣ будани фаъолияти андозсупорандагон (агентони андоз) ва дигар супорандагони пардохтҳои ҳатмӣ, балки аз ҷониби худи мақомоти андоз иҷрои уҳдадориҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаи онҳо гузоштааст, фаҳмида шавад” (саҳ. 45). Ин ақидаи бунёдии муаллиф шарҳи иловагиро талаб мекунад. Оё объекти назорати андоз уҳдадориҳои мақомоти андоз баромад карда метавонад?

2. Дар саҳифаи 123 диссертатсия муаллиф таҳлили таркиби «иттилоот», «маълумот», «ҳуҷҷатҳо» ва «маводҳо»-ро анҷом дода, байни онҳо фарқ намегузорад. Яъне, онҳоро ҳаммаъно мешуморад. Дар баробари ин, муаллиф меъёри таснифоти «иттилооти андоз»-ро пешниҳод менамояд, ки ба андешаи мо норавшан мебошад. Аз ин рӯ, шарҳи муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

3. Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия “Ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдор барои амалӣ намудани назорати андоз” номгузорӣ карда шудааст, ки ба андешаи мо баҳснок мебошад. Зеро чунин ҷавобгарӣ дар қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки масъалаи ҷавобгарӣ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани маълумоти дахлдорро асоснок намояд, ҳамчунин онро шарҳ диҳад.

4. Дар пешниҳоди №10 ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки хусусияти амалиро дорад, муаллиф чунин менависад: “Дар Кодекси андози ҶТ, ки тартиби иштироки шоҳид (м. 54) ва шахси холисро (м. 58) вобаста ба амалисозии назорати андоз муқаррар мекунад, дар масъалаи тартиби даъвати онҳо холигии меъёрӣ дида мешавад. Ин ҳолат ба кормандони мақомоти андоз имкон медиҳад, ки онҳо худашон тасмим гиранд, ки чӣ тавр шоҳид ва ё шахси холисро даъват намоянд – дар шакли хаттӣ ва ё шифоҳӣ.” Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки дар

бораи тартиби иштироки шоҳид ва шахси холис каме маълумот диҳад.

5. Муаллиф дар диссертатсия истифодаи фаъолонаи шакли назорати андоз - мониторингро дар бисёр кишварҳои хориҷа, аз ҷумла, Нидерландия, Фаронса, Британияи Кабир, Олмон, Шветсария, Ҷумҳурии Беларус ва Федератсияи Россия қайд менамояд (саҳ. 102-104). Аммо таҳлили мо нишон дод, ки дар диссертатсия таҷрибаи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мониторинги андоз оварда нашудааст. Бинобар ин, шарҳи муаллиф оид ба истифода наградидани таҷрибаи мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диссертатсия талаб карда мешавад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Табарзода Далер Раҳматуло дуруст ва илман асоснокананд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии тадқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дард ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мазмун ва моҳияти рисолаи Табарзода Далер Раҳматуло доир ба мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ пешниҳод шудааст мутобиқ мебошад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда, маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ- амалӣ.** Табарзода

Далер Раҳматуло муаллифи 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни "Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо дар шакли маъруза инъикос ёфтаанд. Бахусус: Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 3 декабри соли 2022), Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Пешвоёни сиёсӣ ва нақши онҳо дар ҳифзи сулҳ: саҳм дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм» бо маъруза дар мавзуи «Ҷанбаҳои асосии сиёсати давлатии молиявӣ, андозӣ ва буҷетӣ» (ш. Душанбе, 22 сентябри соли 2023), Конференсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами рушди давлатдорӣ ва ҳуқуқи оммавӣ» бо маъруза дар мавзуи «Правовые основы осуществления налогового контроля в Республике Таджикистан» (Россия, ш. Санкт-Петербург, 29 сентябри соли 2023), Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» бо маъруза дар мавзуи «Робитаи қонунгузории замин ва андоз» (ш. Душанбе, 13 октябри соли 2023), Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия дар мавзуи «Хусусиятҳои назорати камералӣ ва мониторинги андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 1-2 декабри соли 2023).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти

диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масоили танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби тадқиқотии илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз. Аз** омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмй, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст,

мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи андоз ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи андоз, яъне танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузории андоз, фаъолияти мақомоти андоз аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар самти танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи буҷетӣ, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Табарзода Далер Раҳматуло дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.04 – Ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “зид” –

нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ тахти №7, аз 17 феврали соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ҳаитов Саидалӣ Поргиевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №7, аз 26 феврали соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев Ҷ.Қ.

**Ташхисгар:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҳаитов С.П.

**Котиби ҷаласа:**

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарифзода Т.

Имзои раис, ташхисгар ва
котиби ҷаласаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

«27» 02 2024 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов, 64/14 Телефон: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01 E-mail: tgfeu@ tgfeu.tj